Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон

# Шарҳи вазъи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо

Семоҳаи 2 | 2026

## Шарҳи вазъи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо дар семоҳаи дуюми соли 2026

Дар давоми давраи ҳисоботии семоҳаи дуюми соли 2026 низоми суғуртаи амонату пасандозҳо тамоили муътадили рушдро идома дода, нишондиҳандаҳои асосии он тамоюли мусбатро касб намуд. Аз ҷумла, дар давраи мазкур афзоиши шумораи ташкилотҳои қарзии узви Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон (минбаъд Хазина), ҳаҷми амонату пасандозҳои суғурташуда ва дороиҳои Хазина ба қайд гирифта шуд.

Ҳамчун мақоми ваколатдори мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо" (минбаъд Қонун) амалкунанда, Хазина дар давраи ҳисоботӣ фаъолияти худро дар самти таъмини иҷрои мақсадҳои зерин равона намуд:

- Ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон.
- Таъмини фаъолияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо.
- Мусоидат ба нигоҳдории суботи низоми молиявӣ.
- Таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

### 1.1. Иштироки ташкилотҳои қарзӣ дар низоми суғуртаи амонату пасандозҳо

Ба ҳолати 30 июни соли 2026 шумораи умумии ташкилотҳои қарзии узви Хазина 43 ададро ташкил дод. Нишондоди мазкур нисбат ба семоҳаи қаблӣ ба 1 адад ва нисбат ба ҳамин давраи соли 2025 ба 6 адад зиёд мебошад. Дар сохтори ташкилотҳои қарзии узви Хазина 16 ададро бонкҳо ва 27 ададро ташкилотҳои амонатии қарзии хурд (ТАҚХ) ташкил дод.

**Ташкилотҳои қарзии узви Хазина (адад)**

| | Семоҳаи 2 2025 | Семоҳаи 3 2025 | Семоҳаи 4 2025 | Семоҳаи 1 2026 | Семоҳаи 2 2026 |
|---|---|---|---|---|---|
| Бонкҳо | 13 | 15 | 16 | 16 | 16 |
| ТАҚХ | 23 | 22 | 24 | 26 | 27 |
| ТҚҒ | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| **Ҳамагӣ** | **37** | **37** | **40** | **42** | **43** |

Дар давраи ҳисоботӣ танҳо як ташкилоти қарзӣ ба Феҳристи ташкилотҳои қарзии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо шомил гардид, аз ҷумла:

– бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон ба *ҶДММ ТАҚХ «Бабр Капитал»* иҷозатнома дода шуд. Дар ин асос, аз ҷониби Хазина ба ҶДММ ТАҚХ

«Бабр Капитал» тасдиқнома дар бораи узвият ба Хазина тахти №087 аз санаи 20.04.2026 сол дода шуд.

## 1.2. Ҳаҷми пасандозҳои суғурташуда

Тибқи ҳисоботҳо ба ҳолати 30 июни соли 2026 бақияи умумии амонату пасандозҳои суғурташуда дар ташкилотҳои қарзӣ – узви Хазина ба 18 272,2 млн сомонӣ расид. Нишондиҳандаи мазкур дар давраи баррасишаванда афзоиши нисбатан устуворро нишон дода, нисбат ба семоҳаи қаблӣ ба андозаи 10,2 фоиз ва нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 27,2 фоиз афзуд.

Ҳаҷми пасандозҳои суғурташуда (семоҳа, млрд сомонӣ)




Суръати афзоиши пасандозҳои суғурташуда (афзоиши солона, бо фоиз)



Сохтори пасандозҳои суғурташуда аз рӯи моликият чунин ташаккул ёфт:

- 93,1 фоиз (17 010,0 млн сомонӣ) – амонату пасандозҳои шахсони воқеӣ, аз он ҷумла соҳибкорони инфиродӣ;
- 6,9 фоиз (1 262,2 млн сомонӣ) – амонату пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ, аз ҷумла субъектҳои соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ.

**Пасандозҳои суғурташуда дар ташкилотҳои қарзӣ-узви Хазина (интиҳои давра, млн сомонӣ)**

| | Семоҳаи 1 2026 | Семоҳаи 2 2026 | Тағйирёбӣ (бо фоиз) |
|---|---|---|---|
| **Пасандозҳои суғурташуда дар ташкилотҳои қарзӣ-узви Хазина** | **16 578,5** | **18 272,2** | **10,2** |
| Шахсони воқеӣ | 15 504,6 | 17 010,0 | 9,7 |
| Шахсони ҳуқуқӣ | 1 073,9 | 1 262,2 | 17,5 |
| *Барои маълумот:* | | | |
| Ҳаҷми умумии пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ | 34 539,4 | 36 857,0 | 6,7 |
| Ҳаҷми умумии пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзӣ-узви Хазина[1] | 23 944,2 | 25 788,5 | 7,7 |

Дар баробари ин, дар сохтори амонату пасандозҳои суғурташуда аз рӯи асъор – 60,6 фоиз ба пули миллӣ ва 39,4 фоиз ба асъори хориҷӣ рост омад.

Сохтори асъории пасандозҳои суғурташуда (бо фоиз)




[1] Бе назардошти 2 бонки давлатӣ ва 1 бонки исломӣ, ки узви Хазина намебошанд.

Аз рӯи намуди амонату пасандоз бошад, ҳиссаи амонатҳои дархостӣ – 6,6 фоиз, амонатҳои пасандозӣ – 49,1 фоиз ва пасандозҳои мӯҳлатнок – 44,3 фоизи ҳаҷми умумии амонату пасандозҳои суғурташударо ташкил доданд.

**Сохтори пасандозҳои суғурташуда аз рӯи намуди амонат (бо фоиз)**




## 1.3. Шумораи пасандоздорони суғурташуда

Тибқи Қонун маблағи суратҳисобҳои бонкии пасандоздорони зерин объекти ҳатмии суғурта ба ҳисоб меравад: *шахсони воқеӣ, соҳибкорони инфиродӣ, субъектҳои соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ.*

Ба ҳолати 30 июни соли 2026 шумораи пасандоздорони суғурташуда дар ташкилотҳои қарзӣ - узви Хазина 3 444,8 ҳазор нафарро ташкил дод, ки ин нисбат ба семоҳаи қаблӣ бетағйир ва нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 3,0 фоиз зиёд мебошад.

**Шумораи пасандоздорони суғурташуда (млн нафар)**



Аз шумораи умумии пасандоздорони суғурташуда ҳиссаи афзалиятнок – 99,7 фоиз ба шахсони воқеӣ рост омада, танҳо 0,3 фоизи пасандоздоронро шахсони ҳуқуқӣ ташкил доданд.

### 1.4. Шумораи пасандоздорони рӯйпӯшшуда

Дар давраи ҳисоботӣ сохтори пасандоздороне, ки амонату пасандозҳояшон аз ҷониби Хазина дар доираи андозаи муқарраршудаи ҷубронпулии суғурта (35 000 сомонӣ) рӯйпӯш шудаанд, ба таври зерин ташаккул ёфт:

- пурра рӯйпӯш карда шудаанд – 3 374,4 ҳазор нафар ё худ 98,0 фоизи шумораи умумии пасандоздорони суғурташуда, ки маблағи амонату пасандозҳояшон то 35 000 сомонӣ мебошад;

- қисман рӯйпӯш карда шудаанд – 70,4 ҳазор нафар ё худ 2,0 фоизи шумораи умумии пасандоздорони суғурташуда, ки маблағи амонату пасандозҳояшон аз 35 000 сомонӣ зиёд мебошад.

Ҳиссаи пасандоздорони пурра суғурташуда (бо фоиз)




Нишондоди баланди рӯйпӯш шудани пасандоздорон (98,0 фоиз) аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳиссаи афзалиятноки пасандоздорони дар ташкилотҳои қарзӣ суғурташуда, аз ҷониби Хазина боэътимод ва пурра ҳимоя гардидаанд.

### 1.5. Ҳаҷми амонату пасандозҳои рӯйпӯшшуда

Дар давраи баррасишаванда амонату пасандозҳои суғурташуда, ки дар доираи андозаи ҷубронпулӣ – то 35 000 сомонӣ рӯйпӯш шудаанд, 6 441,5 млн сомониро ташкил дод. Нишондиҳандаи мазкур, ки он ҳамзамон уҳдадориҳои суғуртавии потенсиалии Хазинаро инъикос менамояд, дар натиҷаи зиёд

шудани ҳаҷми пасандозҳои суғурташуда тамоили афзоишро нишон дода, нисбат ба семоҳаи қаблӣ ба андозаи 11,5 фоиз ва нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 18,1 фоиз афзуд.

Ӯҳдадориҳои суғуртавии Хазина (млрд сомонӣ)




Суръати афзоиши амонату пасандозҳои рӯйпӯшшуда (солона, бо фоиз)




Вобаста ба ҳаҷми пасандозҳо, сохтори амонату пасандозҳои рӯйпӯшшуда ба таври зерин тақсим шудааст:

- амонату пасандозҳои ҳаҷмашон то 35 000 сомонӣ (дар доираи андозаи ҷубронпулӣ) – 61,8 фоиз ё худ 3 977,8 млн сомонӣ;
- амонату пасандозҳои ҳаҷмашон зиёда аз 35 000 сомонӣ (аз андозаи ҷубронпулӣ зиёдтар), 38,2 фоиз ё худ 2 463,7 млн сомонӣ.

Сохтори амонату пасандозҳои рӯйпӯшшуда (интиҳои давра, млн сомонӣ)

| | Семоҳаи 1 2026 | Семоҳаи 2 2026 | Тағйирёбӣ (бо фоиз) |
|---|---|---|---|
| Ҳаҷми умумии пасандозҳои суғурташуда | 16 578,5 | 18 272,2 | 10,2 |
| Амонату пасандозҳои рӯйпӯшшуда | 5 775,7 | 6 441,5 | 11,5 |
| *аз ҷумла, амонату пасандозҳои ҳаҷмашон:* | | | |
| дар доираи андозаи ҷубронпулӣ буда | 3 545,1 | 3 977,8 | 12,2 |
| аз андозаи ҷубронпулӣ зиёд буда | 2 230,6 | 2 463,7 | 10,4 |

Зимнан, ҳаҷми аксари амонату пасандозҳои рӯйпӯшшуда ба шахсони воқеӣ рост меояд, ки маблағи он 6 389,0 млн сомонӣ ё худ 99,7 фоизи ҳаҷми умумии онҳоро ташкил медиҳад.

Сохтори амонату пасандозҳои рӯйпӯшшуда аз рӯи моликият (бо фоиз)




## 1.6. Ҳолатҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина ва пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорони суғурташуда

Дар семоҳаи дуюми соли 2026 дар ягон ташкилоти қарзии узви Хазина ҳолати суғуртавӣ ба қайд гирифта нашуд. Ин дар маҷмуъ аз идомаёбии вазъи муътадил ва фаъолияти устувори низоми бонкӣ гувоҳӣ медиҳад.

Бо вуҷуди ин, дар давраи мазкур Хазина ҳамагӣ ба як нафар пасандоздори бонки барҳамдодашудаи ҶСК“Тоҷиксодиротбонк”, ки дар асоси Қонун бо ариза оид ба тамдиди мӯҳлати гирифтани маблағи ҷубронпулии суғурта ба Хазина муроҷиат кард, ба маблағи 21,0 ҳаз. сомонӣ ҷубронпулӣ пардохт намуд.

Дар умум, тамоюли таърихии пардохти ҷубронпулӣ аз тарафи Хазина ба ҳолати 30.06.2026 сол зерин мебошад:

- аз соли 2016 то санаи 30.06.2026 сол маблағи умумии ҷубронпулии суғуртавии ба пасандоздорони 18 ташкилоти қарзии барҳамхӯрда пардохтшуда, 212 436,1 ҳазор сомониро ташкил дод;

- қисми зиёди пардохтҳо – 189 018,1 ҳазор сомонӣ (ё худ 89,0 фоизи ҷубронпулии умумии пардохтшуда) ба пасандоздорони ҶСК "Агроинвестбонк" ва ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" рост омад.

**Ҳолатҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина**

| | Ба ҳолати 31.12.2025 | Ба ҳолати 31.03.2026 | Ба ҳолати 30.06.2026 |
|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ (адад) | 18 | 18 | 18 |
| Бонкҳо | 6 | 6 | 6 |
| ТАҚХ | 12 | 12 | 12 |
| Ҳамагӣ ҷубронпулӣ пардохт карда шуд (ҳаз. сомонӣ) | 212 402,8 | 212 415,1 | 212 436,1 |

## 1.7. Фаъолияти сармоягузорӣ ва идоракунии маблағҳои Хазина

Фаъолияти сармоягузорӣ яке аз вазифаҳои муҳими Хазина ҷиҳати ташаккул ва андӯхти маблағҳои ҷамъовардашудаи Хазина ба ҳисоб меравад.

Хазина дар семоҳаи 2 соли 2026 ҷойгирнамоии маблағҳои озоди худро ба коғазҳои қиматноки давлатии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо риояи талаботи афзалиятнок барои сармоягузорӣ, ки ин бехатарӣ ва пардохтпазирии маблағҳои ҷойгиркардашуда мебошад, идома дод.

Дар давраи баррасишаванда дар умум 5 музоядаи фурӯши коғазҳои қиматноки давлатӣ дар ҳаҷми умумии 95 млн сомонӣ бо мӯҳлатноки то 6-моҳа, 1-сола ва 3-сола баргузор гардид. Меъёрҳои фоизии онҳо вобаста аз мӯҳлат аз 6,0 то 11,0 фоизи солонаро ташкил доданд.

Вобаста ба ин, дар семоҳаи баррасишаванда Хазина иштироки худро дар музоядаҳои барориши коғазҳои қиматноки давлатӣ бо нишондиҳандаҳои зерин таъмин намуд:

- *ҳаҷми сармоягузорӣ*: иштирок тариқи платформаи биржавӣ дар 5 музояда ва сармоягузории маблағҳои озод дар ҳаҷми 49,4 млн сомонӣ;

- *фоизи даромаднокӣ*: меъёри фоизи даромаднокии миёнавазни коғазҳои қиматноки дар давраи ҳисоботӣ сармоягузоришуда 7,7 фоиз;

- *сандуқи (портфели) сармоягузорӣ*: бақияи сандуқи сармоягузории Хазина ба коғазҳои қиматноки давлатӣ ба санаи 30.06.2026 сол 321,1 млн сомониро ташкил намуд, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 58,7 фоиз зиёд мебошад;

- *таснифи сандуқи сармоягузорӣ*: дар сандуқи сармоягузорӣ ҳиссаи коғазҳои қиматнок вобаста ба мӯҳлат ба таври зерин тақсим шудаанд: 26 фоиз кӯтоҳмуҳлат (то 1 сол), 55 фоиз миёнамуҳлат (аз 1 то 3 сол) ва 19 фоиз дарозмуҳлат (аз 3 то 5 сол);

- *даромади фоизии гирифташуда*: тибқи ҳисоботи тавозунӣ ба санаи 30.06.2026 сол даромади фоизии гирифташуда ба 15,7 млн сомонӣ расид, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2,1 маротиба зиёд мебошад.

Иштироки Хазина дар бозори коғазҳои қиматнок (млн сомонӣ)




Даромад аз фаъолияти сармоягузорӣ (млн. сомонӣ ва бо фоиз)



### 1.8. Фаъолияти иттилоотонии аҳли ҷомеа оид ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо

Яке аз самтҳои калидии фаъолияти Хазина пешбурди корҳои иттилоотонӣ ва таблиғоту ташвиқотӣ ба ҳисоб меравад, ки ба баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳли ҷомеа оид ба моҳият ва нақши низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, афзалиятҳо ва нишондиҳандаҳои асосии он ва дар маҷмуъ ба таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар равона гардидааст.

Дар давоми семоҳаи дуюми соли 2026 дар доираи корҳои ташвиқотӣ ва огоҳонии оммаи васеъ корҳои муайяни зерин андешида шуданд:.

- *фаъолият тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ*: дар шабакаҳои иҷтимоии Хазина дар Facebook, Telegram ва Instagram маводҳои дахлдори иттилоотӣ мунтазам нашр карда шуданд (дар семоҳаи 2 - 80 адад мавод ва аз аввали сол 131 адад мавод);

- *фаъолият тавассути сомонаи расмӣ*: дар сомонаи расмии Хазина маълумот мухталиф оид ба ҳисоботи солонаи Хазина, тағйирот дар феҳристи ташкилотҳои қарзӣ - узви Хазина, шарҳи нишондиҳандаҳои таҳлилӣ оид ба вазъи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва дигар ахборот вобаста ба фаъолияти Хазинаро фаъолона интишор карда шуданд;

- *нашр ва маводҳои чопӣ*: баҳри баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ оид ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо маводҳои таблиғотӣ, аз қабили буклетҳо, нишонаҳои худчасп ва плакатҳо (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) чоп карда шуда, тавассути ташкилотҳои қарзии узви Хазина тақсим карда шуданд (дар семоҳаи 2 – 3 450 ҳазор адад ва аз аввали сол 6 900 ҳазор адад маводи чопӣ);

- *гузаронидани мизи мудаввар*: санаи 19 майи соли равон дар меҳмонхонаи "Хилтон Душанбе" аз ҷониби Хазина мизи мудаввар дар мавзӯи «Баланд бардоштани огоҳӣ ва иттилоъи оммаи васеъ оид ба механизми ҳимояи пасандозҳо» баргузор карда шуд. Дар чорабинӣ кормандони Хазина, намояндагони ташкилоҳои қарзии узви Хазина ва воситаҳои ахбори омма иштирок намуданд (маълумоти муфассал дар: https://dif.tj/2026/mizi-mudavvar).

- *гузаронидани чорабиниҳо дар минтақаҳо*: аз 20 то 23 майи соли ҷорӣ дар доираи амалӣ гардидани медиакампанияи даврӣ дар самти баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ ва иттилоотонии омма доир ба масъалаҳои суғуртаи амонату пасандозҳо, аз ҷониби Хазина барои масъулини ташкилотҳои қарзӣ-узви Хазина ва филиалҳои онҳо дар марказҳои минтақаҳои асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Хуҷанд, Бохтар, Кӯлоб ва Ғарм) чорабиниҳои ташвиқотию

иттилоотӣ гузаронида шуданд (маълумоти муфассал дар: https://dif.tj/2026/barguzorii-chorabinihoi-ittilooti-dar-mintaqaho).

- *гузаронидани чорабиниҳо дар донишгоҳҳо*: аз 12 май то 1 июни соли 2026 Хазина дар ҳамкорӣ бо ташкилоти ҷамъиятии "Иқтидор" дар доираи фаъолияти баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ оид ба фаъолияти Хазина як қатор вохӯриҳоро бо донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии зерин доир карда шуданд: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров.

Зимни баргузории ҷаласаҳои иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба иштирокчиён маълумоти муфассал оид ба фаъолияти Хазина, принсипҳои фаъолияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, тартиби пардохти ҷуброни суғуртавӣ ва нақши Хазина дар таъмини суботи бахши молиявии кишвар пешниҳод гардид;

- *фаъолият тавассути васоити ахбори омма*: санаи 22 апрели соли 2026 дар сомонаи "Азия-Плюс" мақола дар мавзӯи фаъолияти Хазина ва низоми суғуртаи амонату пасандозҳо интишор гардид. Инчунин, санаи 24 июни соли 2026 тавассути барномаи "Имкон"-и радиои "Азия-Плюс" бо иштироки намояндаи Хазина мусоҳибаи мустақим дар мавзӯи «*Пулҳои шумо дар бонкҳо чӣ гуна ҳимоя мешаванд?*» баргузор гардид. Дар ҷараёни сӯҳбат оид ба таърих, ҳадафҳо ва нақшу мояҳияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо маълумоти муфассал дода шуд.

### 1.9. Нишондиҳандаҳои молиявии Хазина

Дар давраи баррасишаванда вобаста ба иҷрои вазифаҳои қонунии худ дар самти ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои пасандоздорон, афзоиши муътадили маблағҳои (дороиҳои) Хазина таъмин карда шуд.

Мувофиқи ҳисоботи тавозунӣ ба санаи 30 июни соли 2026 ҳаҷми умумии дороиҳои Хазина 573,7 млн. сомониро ташкил дод, ки ин нисбат ба семоҳаи қаблӣ 6,2 фоиз ва ҳамин санаи соли гузашта 26,6 фоиз зиёд мебошад.

Раванди афзоиши дороиҳои Хазина дар давраи мазкур асосан аз ҳисоби пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина ва даромад аз фаъолияти сармоягузорӣ ва идоракунии маблағҳои озоди Хазина таъмин гардид.

## 1.10. Феҳристи ташкилотҳои қарзии узви Хазина (ба санаи 30.06.2026)

| № | Номгӯи ташкилотҳои қарзӣ | Тасдиқнома № |
|---|---|---|
| | Бонкҳо | |
| 1 | ҶСК "Ориёнбонк" | № 002 |
| 2 | ҶСК "Бонки Эсхата" | № 006 |
| 3 | ҶСП "Бонки рушди Тоҷикистон" | № 010 |
| 4 | ҶСП "Актив Бонк" | № 070 |
| 5 | ҶСП "Спитамен Бонк" | № 013 |
| 6 | ҶСП Бонки "Арванд" | № 025 |
| 7 | ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | № 055 |
| 8 | ҶСК "Алиф-Бонк" | № 056 |
| 9 | ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" | № 058 |
| 10 | Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ дар ш.Душанбе | № 060 |
| 11 | ҶСП "Душанбе Сити Бонк" | № 064 |
| 12 | ҶСП "Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон" | № 072 |
| 13 | ҶСП "Фридом Бонки Тоҷикистон" | № 073 |
| 14 | ҶСП "Ҳумо Бонк" | № 078 |
| 15 | ҶСП "Васл Бонк" | № 080 |
| 16 | ҶСП Бонки "Имон Интернешнл" | № 084 |
| | Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд | |
| 17 | ҶСП ТАҚХ "Ҳамров" | № 016 |
| 18 | ҶДММ ТАҚХ "Финка" | № 022 |
| 19 | ҶДММ ТАҚХ "Зудамал" | № 023 |
| 20 | ҶДММ ТАҚХ "Матин" | № 026 |
| 21 | ҶДММ ТАҚХ "Арғун" | № 027 |
| 22 | ҶДММ ТАҚХ "Сомон-Тиҷорат" | № 038 |
| 23 | ҶДММ ТАҚХ "Азизӣ - Молия" | № 041 |
| 24 | ҶДММ ТАҚХ "Тезинфоз" | № 045 |
| 25 | ҶДММ ТАҚХ "Сарват" | № 049 |
| 26 | ҶСП ТАҚХ "Ардо капитал" | № 059 |
| 27 | ҶДММ ТАҚХ "Пайванд Гуруҳ" | № 062 |
| 28 | ҶДММ ТАҚХ "Фурӯз" | № 063 |
| 29 | ҶСП ТАҚХ "Сандуқ" | № 065 |
| 30 | ҶСП ТАҚХ "Шукр Молия" | № 066 |
| 31 | ҶДММ ТАҚХ "Эмин Сармоя" | № 068 |
| 32 | ҶДММ ТАҚХ "Баракат Молия" | № 069 |
| 33 | ҶДММ ТАҚХ ЛОЛС "Молия" | № 071 |
| 34 | ҶДММ ТАҚХ "Доро Молия" | № 079 |
| 35 | ҶСП ТАҚХ "Бинес Капитал" | № 075 |
| 36 | ҶДММ ТАҚХ "Стандарт Молия" | № 076 |
| 37 | ҶДММ ТАҚХ "Ганҷ Молия" | № 077 |
| 38 | ҶСП ТАҚХ "Зинда Капитал" | № 081 |
| 38 | ҶСП ТАҚХ "Инноватсия Капитал" | № 082 |
| 40 | ҶДММ ТАҚХ "Оксус" | № 083 |
| 41 | ҶДММ ТАҚХ "Пулсар" | № 085 |
| 42 | ҶСП ТАҚХ "Капитал Траст" | № 086 |
| 43 | ҶДММ ТАҚХ "Бабр Капитал" | № 087 |